# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқотҳои профессор Султон Наврӯзов» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ). ш. Душанбе, 2025 с. –180 с.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба шиносномаи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ), ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Бояд қайд намуд, ки масъалаи омӯзиш, таҳқиқ ва донистани зиндагинома ва андешаву афкори илмии мутафаккироне, ки таҳаввулоти фикрӣ ва зеҳниро ба вуҷуд овардаанд барои мо аҳамияти басо калон дорад. Зимнан, аз як тараф ҳар як шахсияти таърихӣ худ маҳсули раванди таърихию иҷтимоист, аз ҷониби дигар, дар таърихи халқу миллатҳо шахсиятҳое ба дунё меоянд, ки дар афкори маънавӣ, муҳити зеҳнӣ ва таҳаввулоти фикрӣ таъсири калон гузошта, зиндагӣ ва фаъолияти онҳо намунаи ифтихору сарбаландӣ ва идеали барҷаста барои наслҳои минбаъда мегардад. Дар ин замина, қадршиносии онҳо, аз ҷумла арҷгузорӣ ба осори гаронбаҳои профессор Султон Наврӯзов, ки ҳамчун мутафаккири озодандеш, меҳанпараст ва чеҳраи дурахшони инқилобӣ дар фалсафаи муосири тоҷик арзёбӣ гардида, дар таҳкими пояҳои маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа саҳм гузоштааст, муҳити муосидро барои бедории фикрӣ ва ҳифзи истиқлолияти маънавии ҷомеа фароҳам меорад. Зеро ворид гардидан ба зиндагӣ ва омӯзиши осори бисёрҷанбаи ӯ, аз ҷумла андешаҳои илман асосноку мунақиддонаи мутафаккир хонандаро ба воқеияти дигаре ошно месозад, ки бо зуҳури худ дар ҷомеаи навини тоҷик такони ҷиддӣ ворид сохтааст.

Тавре аз омӯзиш ва таҳлили осори Султон Наврӯзов бармеояд, ӯ ҳамчун як олими варзида, мушоҳидакор, рушангар ба шароити имрӯз нигариста, ба оянда назар меафканад, ояндаро дар мизони ақлу хирад пешгӯйи менамояд. Чун иқтидори баланди тафаккур, нерӯи баланди зеҳнию мантиқӣ ва хусусан, ҷасорати баланди илмии Султон Наврӯзов имкон додааст, ки ҷомеаи илмии кишвар ӯро ҳамчун муҳаққиқи барҷаста ва мунаққиди воқеъбину ҳақиқатҷӯ шиносад ва эътироф намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ муҳимияту зарурати мавзуи таҳқиқро бо он асоснок намудааст, ки маҳз тавассути омӯзишу баррасии амиқи афкору назарияҳои профессор Султон Наврӯзов имкони таҳияи амсилаҳои нави тарбиявию иҷтимоӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ метавонад ба вуҷуд ояд. Зеро Султон Наврӯзов ҳамчун намунаи

мустақилияти зеҳнии мутафаккир хулосаҳои асосноки моҳияти ҷаҳонбинӣ ва фалсафидоштаро пешниҳод намудааст, ки гувоҳи зеҳни дараҷаи ҷаҳонист.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Довталаби дараҷаи илмӣ кӯшиш намудааст масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосирро, ки дар таҳқиқоти профессор Султон Наврӯзов инъикос ёфтаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида, дар ин замина ба навгониҳои муайяни илмӣ даст ёбад:

- осор ва фаъолияти илмии профессор Султон Наврӯзовро мавриди таҳқиқ қарор дода, мавқеъ ва нақши ӯро дар рушди фалсафаи муосири тоҷик муҳим арзёбӣ намудааст;

- муайян намудааст, ки усули интиқодии профессор Султон Наврӯзов хусусияти илмӣ ва объективӣ дошта, барои ташаккули нақди илмӣ дар фалсафаи муосир дар ҷумҳурии мо заминаи муносиб гузоштаст;

- собит намудааст, ки таҳқиқоти Султон Нарӯзов ва мактаби фалсафии ӯ ба таҳкими омӯзиши маъалаи «инсон» ва рушди таълимоти инсоншиносии муосир мусоидат менамояд;

- муайян намудааст, ки осори профессор Султон Наврӯзов дар бораи инсон зери таъсири афкору ҷаҳонбинии мутафаккирони муосир, бахусус, таълимоти мактаби фалсафии марксистӣ ташаккул ёфтааст. Ӯ инсонро ҳамчун мавҷуди мураккаби моддию маънавӣ, ки дорои неруҳои бузурги зеҳнӣ, рӯҳӣ ва эҷодкорист, баррасӣ намудааст. Дар робита ба ин, бо такя ба принсипҳои марксизм, инсонро на танҳо як омили истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, балки ҳамчун ҳадафи асосии рушду камолоти ҷамъиятӣ медонад;

- нишон додааст, ки Султон Нарӯзов зимни баррасии масоили «табиату табиӣ будани инсон», «қобилият» ва «иродаи инсон» аз мавқеи ратсионализм муносибат намуда, ба «инсон» ҳамчун «мавҷуди эҷодкор» ва «офаранда» таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

Зимнан, диссертант дар асоси ҳалли вазифаҳои бамиёнгузошта ва таҳқиқи осори гаронбаҳои Султон Наврӯзов нуктаҳои илман асоснокро ба дифоъ пешниҳод намудааст Аз ҷумла, осори Султон Наврӯзов:

– масоили гуногуни илми фалсафа, инсоншиносӣ ва иҷтимоӣ маҳаки асосии ҷаҳонбинии илмии имрӯзаро ташкил дода, ба рушди илму фалсафаи муосири тоҷик таъсири мусбат дорад;

– инсонро ҳамчун мавҷуди мураккабу бисёрсамта шарҳ дода, моҳияти ӯро на танҳо аз омилҳои биологӣ, балки иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ вобаста арёбӣ намудааст, ки бо қобилияти офарандагӣ, ирода ва масъулият муҳити зист ва ҷомеаро тағйир медиҳад;

– ба таълимоти фалсафии мактаби марксистӣ асос ёфтааст, ки дар он инсон ҳамчун мавҷуди моддию маънавӣ, дорои неруҳои ҳаётии номаҳдуд ва қобилияти рушду такомули пайваста шарҳ ёфтааст;

– мақоми инсонро дар олам хеле баланд арзёбӣ намуда, ба хусусиятҳои зеҳнӣ, ахлоқӣ ва эҷодии ӯ аҳаммияти хоса дода, ӯро дорои рисолати маънавӣ ва масъулияти худшиносӣ баррасӣ намудааст. Чунин муқаррарот ифода аз он менамояд, ки дар ҳаёту фаъолият воситаи мутобиқшавии меҳнат ва ташаккулёбии иҷтимоӣ бо тағйирёбии инсон, яъне таҳаввулоти хусусиятҳои биологӣ ва биоиҷтимоии ӯ ҳамроҳ мебошанд;

– масъалаи инсон на ҳамчун як мавзуи ҷудогона, балки ҳамчун ҷузъи таркибии масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ арёбӣ гардида, инсон ченаки асосии фаҳмиши олами ҳастӣ баҳо дода мешавад. Зеро маҳз инсон бо қобилияти идрок, ақл ва шуур тавони дарки воқеият ва шинохти онро бо роҳи мантиқ дорад. Инсони ормонӣ андешаманд, ақлгаро ва озод аз ҳар гуна таассуб, хурофот ва ғуломии фикрӣ буда, на танҳо офаридаи табиат, балки худ офаранда, таҳаввулбахш ва ташаккулдиҳандаи ҷаҳони иҷтимоист;

– инсон танҳо дар ҳолате метавонад ба камолоти маънавӣ ва иҷтимоӣ бирасад, ки озодии фикр, ирода ва амал дар зиндагии ӯ мавқеи марказӣ дошта бошад. Инсон дорои қобилияти худтағйирдиҳӣ буда, имкони таҷдиди назар дар ҷаҳонбинӣ,тағйири қавлу амал ва интихоби огоҳонаи роҳи зиндагии худро дорад;

– инсонро ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоӣ-маънавӣ мебинад, ки дар раванди рушд ва ҳамкории фаъол бо муҳити худ қобилияти фикрӣ ва ахлоқии худро такмил медиҳад. Ақлгароии инсон, ба назари ӯ, на танҳо хоссияти зеҳнӣ, балки заминаи асосии маърифат, ахлоқ ва масъулият дар баробари ҷомеа мебошад;

– таълиму тарбияро на танҳо равиши интиқоли дониш, балки ҳамчун воситаи бакамолрасонии шахсият дар доираи дарки аслу ҷавҳари инсонӣ арзёбӣ мекунад; моҳияти инсон хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар раванди ҳаёти иҷтимоии он ташаккул меёбад; қувваҳои моҳиятии инсон дорои низоми мураккаб буда, унсурҳои зиёдро аз қабили қобилият, талабот, мақсад, хирад, забон, тафаккур, ирода, озодӣ, идеал ва ғайраҳоро дар бар мегирад;

– бар хилофи назарияи ҷабр, ки инсонро ҳамчун мавҷуди комилан мутеи қонуни илоҳӣ ва беихтиёр муаррифӣ мекунад, андешаи озодии инсонро бо асосҳои илмӣ ва фалсафӣ пуштибонӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки ин нуктаҳо аҳамияти баланди илмӣ доранд, зеро ташаккули инсон ҳамчун вуҷуди иҷтимоишуда ба натиҷаи амали омилҳои тартиби иҷтимоӣ шарт ёфта, аҳамияти асосиро дар густариши сифатҳои иҷтимоии инсон қаблан фаъолияти меҳнатӣ ва истеҳсолӣ касб намудааст. Дар ин замина, инсон на барои он инсон аст, ки аз узвҳо, бофтаҳо, ҳуҷайраҳо ташкил ёфта, нафасу ғизо гирифта, насл мегузорад, балки барои он ки қобилияти меҳнат кардан, андешидан, сухан рондан ва қобилияти истеҳсоли олоти меҳнатро дошта, бо ёрии он ба олами

атроф таъсир мерасонад, тавассути фаъолияти эҷодкоронаи худ онро дигаргун месозад, барои худ шароити нав ва табиати дуюмро меофарад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баёни мантиқии муҳокимаю хулосабарориҳо, пайдарҳамии фикру андешаҳо, мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба ҳадафу вазифаҳои шарт меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили асарҳои худи профессор Султон Наврӯзов ба даст омада, хулосаҳо дар такя ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили илмӣ-фалсафии он ҳосил гардидаанд.

Ҳамзамон довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳқиқи осори илмии профессор Султон Наврӯзов, ки дорои арзиши баланди маърифатӣ ва фалсафӣ мебошад, як зумра тавсияҳоро ҷиҳати истифодаи амалӣ пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, барои ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии илмӣ, таҳкими тафаккури солим, пешгирии муқовимат ба равияҳои номатлуби ифротии динӣ, таҳкими унсурҳои маърифатӣ, таҳия ва такмили китобҳои дарсӣ, омода намудани курсҳои махсус оид ба фалсафа, табиати инсон, таҳлили интиқодии таълимоти фалсафӣ истифодаи осори гаронбаҳои Султон Наврӯзовро муҳим арзёбӣ намуда, ба роҳ мондани курси интихобии омӯзиши масъалаи инсонро аз нуқтаи назари профессор Султон Наврӯзов пешниҳод намудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва шаш зербоб, хулосаю тавсияҳо, номгӯйи адабиёти ифодашуда ва мақолаҳои нашргардидаи муаллиф иборат буда, дар сохтор ва маводи он пайдарҳамии мантиқии масъалаҳо риоя гардидааст.

Дар боби якум **«Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи фаъолияти илмӣ-эҷодии профессор султон Наврӯзов»** ҳаёт, фаъолият, осори илмии Султон Наврӯзов, муҳаққиқ ва мунаққиди афкори фалсафӣ ва нақши мактаби профессор Султон Наврӯзов дар рушди фалсафаи муосири тоҷиқ таҳлилу баррасӣ гардидааст (саҳ. 15-75). Дар доираи боби мазкур афкори фалсафии Султон Наврӯзовро ба ду давра, давраи то истиқлолият ва замони истиқлолият ҷудо намудааст. Дар ин замина, давраи аввали фаъолияти илмии ӯро бо идеологияи замони Шуравӣ алоқаманд донистааст, ки вижагиҳо ва мушкилоти низоми мавҷударо фаро мегирифтанд. Давраи дуюмро бошад, ки таҳқиқи масъалаи инсон ва қобилияти онро дарбар мегирад, хеле пурмаҳсул ва самаранок баҳо додааст. Вобаста ба ин, усули танқидии Султон Наврӯзовро бо методология ва андешаҳои фалсафии намояндагони равияи марксистӣ алоқаманд карда, қайд намудааст, ки ин усул барои рушди илму фалсафаи тоҷик роҳ кушода, дар ташаккул ва таҳкими илми фалсафаи муосир дар ҷумҳурӣ саҳми муносиб гузоштааст. Ҳамзамон, хулоса намудааст, ки назари профессор Султон Наврӯзов ба масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеа ва инсон фарроху доманадор буда, чун як консепсияи

томи иҷтимоӣ-фалсафӣ арзёбӣ мегардад. Қобили қайд аст, ки дар таҳқиқоти профессор Султон Наврӯзов ҳар як масъала ҳангоми таҳлилу баррасӣ дар робитаю ҳамбастагӣ бо дигар масъалаҳои ҷамъият ва инсону моҳияти он, бо назардошти алоқамандии иҷтимоӣ-таърихӣ ва фарҳангӣ ба таври мунтазаму маҷмуӣ анҷом пазируфтааст.

Дар боби дуюм **«Проблемаи инсон дар таълимоти фалсафии профессор Султон Наврӯзов»** масъалаҳои инсон ва таъйиноти он, рушди нерӯҳои моҳиятии инсон дар ҷомеаи иттилоотии техникии муосир, инсон ҳамчун мавҷуди фаъолиятиву эҷодкор дар осори Султон Наврӯзов таҳлилу баррасӣ ёфтааст (саҳ. 76-158). Дар ин замина, диссертант муайян намудааст, ки Султон Наврӯзов заминаҳои табии маҳдуд кардани масъалаи пайдоиши инсонро номумкин шуморида, пайдоишу ташаккулёбии онро аз дигар мавҷудоти зинда тафовут шумурда, хулоса намудааст, ки дар раванди пайдоишу таҳаввулот инсон мақоми муайянкунанда дошта, падидаи беназиру пурасрори таҳаввулоти табиӣ ва таърих мебошад. Ҳамзамон, фардияти ҳар як инсонро такрорнашаванда хулоса намуда, қайд менамояд, ки дар натиҷаи ҳамгироии омилҳои ирсии биологӣ ва шароити зисту фаъолият дар муҳитҳои гуногуни табиӣ ва иҷтимоӣ, махсусан муҳитҳои хурди иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Маҳз ҳамин шароиту вазъиятҳои нотакрори муҳити зист ва фаъолияти шахсӣ хусусиятҳо ва сифатҳои ягонаву истисноии ҳар як фардро ба вуҷуд меоранд. Зимни таҳлилу баррасии нерӯҳои моҳиятии инсон дар таҳқиқоти Султон Наврӯзов ба чунин хулоса омадааст, ки «...Моҳияти инсон хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар раванди ҳаёти иҷтимоии он ташаккул меёбад». Нуқтаҳои назари гуногунро оид ба нерӯҳои моҳиятии инсон баррасӣ ва ба фаҳмиши марксистии моҳияти инсон такя намуда, хулоса намудааст, ки моҳияти инсон дар меҳнат, фаъолияти истеҳсолӣ-предметӣ, муносибатҳои ҷамъиятии он зоҳир мешавад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки нуктаҳо ва хулосаҳои он метавонанд дар коркарди курсҳои махсуси таълимӣ, лексияҳо оид ба таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология, психология, антропология ва ғайра истифода шаванд. Инчунин, муқаррароти асосӣ ва тавсияҳои амалии довталаби дараҷаи илмиро дар таҳқиқоти соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, антропология, корҳои ташвиқотӣ, таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ ва дар мубориза алайҳи мафкураи тундрави динӣ метавон истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар 4 мақолаи тақризшавандаи илмии дар феҳрасти маҷаллаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, инъикос шудаанд. Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар 4 конференсияи ҷумҳуриявию байналмилалӣ маъруза гардидаанд. Ҳамаи мақолаҳои нашршуда ва

маърузаҳои диссертант ба мавзуи диссертатсия робитаи бевосита доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таҳқиқоти диссертатсионии довталаб бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarda шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳияи диссертатсия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-ро, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо нисбат ба мазмуну муҳтавои диссертатсия.**

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Номи таҳқиқоти диссертатсионӣ «Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқотҳои профессор Султон Наврӯзов» унвон гирифтааст, аммо дар он бештар ба масъалаҳои нерӯҳои моҳиятии инсон дар таҳқиқоти Султон Наврӯзов диққат дода шудааст.

2. Мазмунан андешаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи бобу зербобҳои диссертатсия такрор ба назар мерасанд.

3. Зимни таҳқиқи мавзуъ, аз ҷумла масъалаи ҷойгоҳи инсон ва нерӯҳои моҳиятии ӯ дар осори профессор Султон Наврӯзов диссертант бештар ибораҳои «қобилияти дарк», «қобилияти баланди дарк», «дарк менамуд» ва ғ.-ро нисбат ба Султон Наврӯзов истифода намудааст, ки чандон мувофиқ нест.

4. Дар доираи боби дуюм масъалаҳои таърихи пайдоиши инсон, падидаҳои генофонд, «фард», «фардият», «шахс», «шахсият», «генотип», «антропогенез» ва ғ.-ро баррасӣ намудааст. Доир ба падидаҳои мазкур доираи васеи таҳқиқот бахшида шудааст, бинобар ин ба такрори он роҳ додан зарурат надорад.

5. Таносуби ҳаҷми боб ва зербобҳо низ номувофиқ омадааст, масалан зербоби якуми боби дуюм аз 41 саҳ. иборат, зербобҳои дигар бошад фарогири 18-24 саҳ. мебошанд.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин, ки дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқотҳои профессор Султон Наврӯзов» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020100 – Фалсафаи иҷтимоӣ), и.в. дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Камолов Шодмонҷон Валихонович

«22» 09 соли 2025

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Кӯлоб, маҳ. Ориёно 1/18
Тел: +992 904101417
E-mail: Shkamolov-91@mail.ru

«Имзои н.и.ф., и.в. дотсент Камолов Ш.В.–ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Давлатов М.А.

«23» 09 соли 2025

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, куч. С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj; Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.